# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-003 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD) – ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 6D050800 – БАҲИСОБГИРӢ ВА АУДИТ (6D050801 – БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА АУДИТ)

**Парвандаи аттестатсионии № _________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз № 75 аз 15.06.24**

**Барои сазовор донистани Каримиён Мадинаи Баҳодур, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), санаи 04-уми апрели соли 2024, суратмаҷлиси № 68 шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июни соли 2024 таҳти № 174/шд таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос Каримиён Мадинаи Баҳодур, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 декабри соли 1994 таваллуд шудааст. Соли 2012 ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дохил шуда, соли 2016 онро хатм намудааст. Солҳои 2016-2018 дар магистратураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит таҳсил намудааст. Соли 2020 ба докторантураи (Phd) - и кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2023 бомуваффақият хатм намудааст. Транскрипти № 88 аз 09 сентябри соли 2023. Аз соли 2023 то ҳол дар вазифаи ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Низомов Самариддин Фахриевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**- Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент - мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**- Розиев Дилшод Астанақулович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муҳосиби ҶДММ «ЦАИ Консалтинг Тоҷикистон», ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**- Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи номзади илмҳои иқтисодӣ Олимов Дилшод Абдулхайрович омода шудааст, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон санаи 18 майи соли 2024 (суратҷаласаи №10) баррасӣ гардида, аз тарафи Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуалимзода Ҳ.А. 20-уми майи соли 2024 тасдиқ шудааст.

Муасисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки натиҷаҳои диссертатсия ба рушди таъминоти ташкилию методии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ созгор буда, ба баланд шудани самаранокии қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба истифодаи самараноки воситаҳои асосӣ мусоидат мекунанд.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур ҳамчун кори илмии баанҷомрасида маҳсуб ёфта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шудааст. Баъзе аз муқаррароти натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти корхонаҳои тиҷоратӣ барои татбиқ дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ истифода шаванд.

Ҳама ҷиҳатҳои зикргардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33-34 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон тахти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ гардидааст, мутобиқ ва ҷавобгуй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои илмии батабърасонидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дарбар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 26 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшаванда 6 мақола чоп кардааст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

1. Каримиён, М.Б. Составление плана счетов бухгалтерского учета на основе МСФО [Текст] / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 7. - С. 76-83
2. Каримиён, М.Б. Хусусиятҳои воситаҳои асосӣ ва тартиби баҳисобгирии онҳо тибқи стандартҳои байналмилалӣ [Матн] / М.Б. Каримиён // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. - № 3 (37). – С. 108-114
3. Каримиён, М.Б. Учет затрат на восстановление объектов основных средств в современных условиях [Текст] / М.Б. Каримиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. - № 6. – С. 150-157
4. Каримиён, М.Б. Шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ [Матн] / М.Б. Каримиён // Идоракунии давлатӣ. – 2022. - № 4/1 (58). – С. 160-170
5. Каримиён, М.Б. Тартиби баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ дар шароити муосир [Матн] / М.Б. Каримиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - № 3. – С. 108-115
6. Каримиён, М.Б. Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ: қоидаҳои СБҲМ ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.Ф. Низомов, М.Б. Каримиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - № 5. – С. 14-24
7. Каримиён, М.Б. Вопросы амортизационных отчислений в бухгалтерском и налоговом учете [Текст] / М.Б. Каримиён / Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита / Материалы VI международной студенческой научно-практической конференции (г. Душанбе, 19-20 мая 2017 года). – Душанбе: PIPA ART, 2017. – С. 76-80
8. Хусусиятҳои эътирофкунӣ ва баҳодиҳии воситаҳои асосӣ [Матн] / М.Б. Каримиён / Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи

конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 27 марти соли 2021). – Душанбе: ДСХ, 2021. – С. 69-75

9. Каримиён, М.Б. Дигаргуниҳо дар баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мутобиқи кодекси андози нави Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Б. Каримиён / Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – С. 51-55

10. Каримиён М.Б. Баҳисобгирии истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ [Матн] / Нақши Тоҷикистон дар ҳалли масоили муосири экологӣ бо ҳадафи рушди устувор ва таъмини амнияти экологӣ / Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 17 декабри 2022). - Душанбе: ДБССТ, 2022 – С. 24-28

11. Каримиён, М.Б. Особенности бухгалтерского и налогового учета основных средств [Текст] / М.Б. Каримиён / Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальных проблем / Сборник статей по материалам LXVII международной научно-практической конференции. - № 1 (60). М.: Изд. «Интернаука», 2023. – С. 6-13

12. Каримиён, М.Б. Проблемы оценки основных средств в учетной системе Республики Таджикистан [Текст] / М.Б. Каримиён / ЭКОНОМИКА, БИЗНЕС, ИННОВАЦИИ / Сборник статей XXII международной научно-практической конференции. – Пенза: МЦНС «Наука и просвещение», 2023 - С. 61-65

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:**

1. **Толибов Қ.Қ.** –д.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

а) Муаллиф дар ҷадвали 3 (саҳ. 19-и автореферат), ки бо тафсири методикаи ҳисобкунии маблағи истеҳлоки воситаҳои асосӣ бо назардошти арзиши барҳамдиҳӣ алоқаманд аст, аз усули хаттии ҳисобкунии истеҳлок истифода бурдааст, ҳол он ки чанде пештар, дар саҳ. 18 ӯ барои ҳисобузам кардани истеҳлоки воситаҳои асосӣ истифодаи усули истеҳлоки босуръатро пешниҳод кардааст.

б) Ҳангоми омӯзиши вазъи баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои тиҷоратии дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда вазифаҳои асосии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ муайян карда шудаанд. Аммо мушкилот ва камбудиҳои дар баҳисобгирии ҳаракати воситаҳои асосӣ ҷойдошта ошкор карда нашудаанд. Хуб мебуд, агар ҳангоми омӯзиш ва арзёбии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои мушаххас ҳолати воқеии баҳисобгирии ҳаракати воситаҳои асосӣ арзёбӣ карда мешуд ва барои ҳалли мушкилоти дар ин самти баҳисобгирӣ ҷойдошта тавсияҳо таҳия карда мешуданд.

2. **Абдураҳимов А.А.**– н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», бо чунин эродҳо:

а) Хуб мебуд, агар дар диссертатсия ба масъалаҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва мушкилоти он дар субъектҳои бахши давлатӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир мегардид.

б) Яке аз мушкилоти баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мухолифати баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз мебошад ва инро муаллиф низ дар автореферат тасдиқ кардааст. Дар робита ба ин, хуб мебуд, агар дар таҳқиқот масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва дар ҳисоботи молиявӣ инъикос кардани иттилоот дар бораи фарқҳои муваққатӣ ба омӯзиш фаро гирифта мешуданд.

3. **Абдураҳмонова М.З.** – н.и.и., дотсент мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити ДИСДДТТ, бо чунин эродҳо:

а) Муаллиф ҳисобҳои таҳлилиро барои баҳисобгирии истеҳлоки мошин ва таҷҳизот пешниҳод кардааст (ҷадвали 4, саҳ. 20-и автореферат), ки ин хуб аст, вале хусусияти ҳисобҳое, ки дар нақшаи амалкунандаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ пешбинӣ шудаанд (аз ҷумла барои баҳисобгирии мошин ва таҷҳизоти захиравӣ ва барои васлкунӣ таъиншуда – ҳисоби 11080 “Дигар воситаҳои асосӣ”) ба инобат гирифта нашудааст.

б) Масъалаи баҳисобгирии лизинг (иҷораи молиявӣ), ки имрӯз дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ маъмул аст, аз мадди назари муаллиф дур мондааст.

4. **Қаюмова Ф.А.**– н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

а) Муаллиф қайд кардааст, ки дар диссертатсия методикаи баҳисобгирии муҳосибии хароҷоти таъмири воситаҳои асосӣ таҳия карда шудааст (саҳ. 6 автореферат). Хуб мешуд, ки ҳангоми баррасии масъалаи мазкур таҷрибаи байналмилалӣ бо таҷрибаи ватанӣ муқоиса карда шуда, амсилаи худии муаллиф пешниҳод карда мешуд.

б) Дар таҳқиқот ба масъалаҳои таъсири хароҷоти марбут бо воситаҳои асосӣ ба арзиши аслии маҳсулот ва таҳияи ҳисобот оид ба андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ диққати дода нашудааст.

в) Масъалаҳои бо баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ алоқаманд аз мадди назари муҳаққиқ дур мондаанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин ба мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илмии дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **коркард карда шуд:** методологияи ягонаи баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ, самтҳои такмили сиёсати истеҳлок дар корхонаҳо ва мутобиқсозии он ба шароити корбурди СБҲМ, роҳҳои такмили раванди ташаккули иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ;

- **пешниҳод шудааст:** тарзҳои нисбатан аниқи дарки моҳияти иқтисодии мафҳуми «воситаҳои асосӣ» ҳамчун объекти баҳисобгирии муҳосибӣ, роҳҳо ва тарзҳои ҳалли мушкилоти баҳисобгирии муҳосибии таъмини молиявии барқарорсозӣ ва навкунии воситаҳои асосӣ, тавсияҳо доир ба корбурди стандартҳои байналмилалӣ дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ;

- **исбот шудааст,** ки то имрӯз татбиқи СБҲМ дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба анҷом нарасида, мушкилот ва масъалаҳои баҳсноки зиёд дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла дар баҳисобгирии воситаҳои асосӣ боқӣ мондаанд, бинобар ин, дар диссертатсия тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити СБҲМ таҳия ва коркард карда шудааст;

- **асоснок карда шудааст**, ки дар шароити иқтисодии имрӯза усулҳои ҳисобузам кардани истеҳлок азнавсозии пурраи воситаҳои асосии

корхонаҳоро дар шароити таваррум таъмин карда наметавонанд ва барои ҳалли мушкилоти бо ин алоқаманд усули истеҳлоки босуръат равиши нисбатан мақбул мебошад ва бояд истифодаи он мутобиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ иҷозат дода шавад. Ҳамчунин вобаста ба таваррум аҳамияти калони баҳодиҳии воситаҳои асосӣ бо арзиши аввалӣ тасдиқ карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

**- исбот карда шудааст**, ки таҳияи тафсири пурра ва дурусти мафҳум ва зикри моҳияти воситаҳои асосӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии муҳосибӣ барои ташаккули амсилаи аз ҷиҳати иқтисодӣ дурусти баҳисобгирии воситаҳои асосӣ имкон медиҳад. Дар диссертатсия барои таҳия ва рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити СБҲМ коркардҳои муаллифӣ таҳия карда шудаанд;

**- усулҳои муосири** илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса ва дигарҳо барои ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда истифода шудаанд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба соҳаҳои донишҳои ба онҳо алоқаманд такя мекунанд;

- **баён шудани равиши** инфиродии муаллиф оид ба муайян кардани хусусиятҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, таъсири онҳо ба равандҳои пешбурди баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳод кардани маълумот дар бораи онҳо аз пурбаҳо будани таҳқиқот гувоҳӣ медиҳад. Дар диссертатсия аҳамияти баҳисобгирии молиявӣ ҳамчун пойгоҳи иттилоотии идоракунии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ, воситаи таъмини истифодабарандагон бо иттилоот, аз ҷумла иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ барои тартиб додани ҳисоботи андоз (андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ) исбот карда шудааст. Таҳқиқоти муаллифӣ роҳҳои ҳалли мушкилоти асосии дар баҳодиҳии арзиши аввалии воситаҳои аслӣ ва корбурди мафҳуми арзиши барҳамдиҳӣ ҷойдоштаро, аз ҷумла тавассути татбиқи методикаи таҳияшудаи ҳисобкунии маблағи истеҳлоки воситаҳои асосӣ бо назардошти арзиши барҳамдиҳӣ нишон медиҳад.

- **ошкор карда шудааст**, ки равандҳои баҳисобгирӣ, баҳодиҳӣ ва дар ҳисоботи молиявӣ инъикос кардани иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ дорои камбудиҳои ҷиддӣ мебошанд ва онҳоро бо истифодаи бартариҳои таҷрибаи байналмилалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб

додани ҳисоботи молиявӣ метавон бартараф кард. Ба андешаи муаллиф, дарёфти мушкилоти дар баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ҷойдошта, инчунин роҳҳои асосии ҳалли онҳо ба беҳгардии сифати тартиб додани ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ ва саҳеҳии иттилооти дар он овардашуда дар бораи воситаҳои асосӣ мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- **коркард ва ҷорӣ карда шуд:** натиҷаҳои асосии таҳқиқотии диссертатсия дар фаъолияти корхонаҳои соҳаҳои саноатӣ, аз ҷумла ҶСП “Комбинати металургии Тоҷик” (маълумотнома, аз 3 октябри соли 2023), ҶДММ “Бунёди Роғун” (маълумотнома, аз 03 октябри соли 2023) истифода шудаанд;

- **муайян карда шуд,** ки иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ, ки дар ҳисоботи молиявӣ оварда мешавад, на ҳамеша пурра ва саҳеҳ аст, зеро муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунгузории андоз бо муқаррароти СБҲМ мувофиқат намекунанд, бинобар ин, дар диссертатсия барои такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисобот оид ба воситаҳои асосӣ тадбирҳои зарурӣ таҳия карда шудаанд;

- **муаррифӣ карда шуд:** самтҳои асосии такмили методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, роҳҳои бартараф кардани мушкилоти баҳисобгирии муҳосибии таъмини молиявии таъмир ва барқарорсозии воситаҳои асосӣ, методикаи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар асоси такмили сиёсати истеҳлок ва мутобиқсозии он ба шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ, методикаи баҳисобгирии хароҷоти таъмири воситаҳои асосӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- назарияи таҳқиқ дар заминаи муқаррароти назариявӣ ва методологии таҳиянамудаи олимони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҷрибаи байналмилалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ, методологияи ташаккули нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ, ки дар сатҳи микро- ва макроиқтисод маҷмуи иҷтимоию иқтисодиро тавсиф мекунанд, асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ, танзим ва стандартикунонии қоидаҳои пешбурди баҳисобгирииим уҳосибӣ ҳангоми ташаккули ҳисоботи молиявӣ ва мутобиқгардонии низомҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ, мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ бунёд шудааст;

- ғояи таҳқиқот дар заминаи амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, маводи конференсияҳои илмию амалӣ, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии корхонаҳо, инчунин захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» асоснок шудааст;

**- аслият ва навгониҳои** натиҷаҳои таҳқиқот оид ба рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар ашроити СБҲМ бо далелҳои мушаххас аз низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- муаллиф ҷанбҳои назариявӣ ва методию амалии баҳисобгирии воситаҳои асосиро дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ асоснок намудааст;

- муаллиф мафҳуми муҳосибии воситаҳои асосиро дар тафовут аз истифодаи он дар илмҳои дигари иқтисодӣ аниқ карда, хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосиро дар алоқамандӣ бо рушди методикаи баҳисобгирии онҳо дар шароити татбиқи стандартҳои байналмилалӣ муайян кардааст, методикаи баҳисобгирии хароҷоти таъмир ва анвкунии воситаҳои асосиро дар шароити стандартҳои байналмилалӣ таҳия карда, тадбирҳои мушаххасро барои таҳкими сиёсати истеҳлок ҳамчун унсури муҳими сиёсати баҳисобгирӣ пешниҳод кардааст, роҳҳои ҳалли мушкилоти асосии пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосиро, аз ҷумла тавассути татбиқи методикаи таҳиянамудаи худ оид ба ҳисобкунии маблағи истеҳлоки воситаҳои асосӣ бо назардошти арзиши барҳамдиҳӣ пешниҳод намудааст;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз ҷониби муаллиф маърӯза гардидаанд;

- **мақолаҳои нашршудаи** муаллиф таркиб ва муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, аз 26 мақолаи илмӣ иборат мебошанд, ки аз онҳо 6-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конфероенсияҳои илмӣ-назариявӣ ва семинарҳои илмӣ **ба тасвиб** расидаанд.

Дар маҷлис аз 15 июни соли 2024 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Каримиён Мадинаи Баҳодур ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест, бюллетенҳои тақсимношуда - 2 нафар.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**